«Тасдиқ мекунам»
Ректори муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»
д.и.ҳ., профессор _____ Раҳмон Д.С.
«___» _____ соли 2025

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба рисолаи номзадии Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика)

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Натиҷаҳои бадастомадаи рисолаи диссертатсионӣ, бахусус навгониҳои илмӣ ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мутобиқат мекунад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар шароити муосири иқтисодиёт бо такмилдиҳии равандҳои ташкилӣ-идоравӣ, таҷдиди технологӣ ва истифодаи шаклҳои инноватсионии истеҳсолот, интиқол, фурӯш ва логистика алоқамандии зич дошта, дар таъмини истеҳсолоти ба содиротнигаронидашуда заминаи асосӣ мегузорад. Чунин шакли истеҳсолоти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ рақобапазирии анъанавиро ба рақобатпазирии навин мубаддал гардонида истодааст, ки хоси талаботи муосири бозори хӯрокворӣ мебошад. Барои ҳамин, ҷиҳати таъмини иқтидори рақобатпазирии корхонаҳо дар раванди ба содирот нигаронидани маҳсулоти соҳа масъалаҳои таҳқиқи гузариши корхонаҳо ба истеҳсолоти нави

инноватсионии дар татбиқи натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ асосёфта муҳим мегардад.

Дар заминаи ташаббусҳои барномавии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мусоидат намудан ба истеҳсолоти саноатии ба содиротнигаронидашуда, таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар мадди аввал масъалаҳои таҷдиди таҷҳизоти истеҳсолии кӯҳнашуда, қафомонии технологии корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат аз истеҳсолкунандагони хориҷӣ, таъмин ва назорати нокифояи стандартҳои сифати маҳсулоти хӯрокворӣ дар раванди истеҳсолот, норасогии воситаҳои гардон барои хариди ашёи хом ва ҷузъиёти маҳсулоти истеҳсолшавандаи рақобатпазир ва норасогии кадрҳои соҳавӣ ба монанди муҳандис-технологҳо бознигарии амиқро тақозо мекунад.

Такмили таъминоти маҳсулоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ дар асоси татбиқи саривақтии ҳадафи олӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат роҳандозӣ гардида, ҷиҳати мувофиқгардонии нишондиҳандаҳои иқтисодии ҳаҷми воридот ва ҳаҷми содироти маҳсулоти хӯрокворӣ механизмҳои институтсионалӣ ва такшилӣ-иқтисодӣ таҳия карда шудааст. Албатта, такмили истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ ба самти содирот нигаронида шуда, дар алоқамандии сиёсатҳои воридотивазкунанда, савдои хориҷӣ, протексионистӣ ва дигар механизму чораҳои махсуси давлатӣ зоҳир мегардад. Таҷрибаи муосири рушди саноати хӯроквории мамлакат нишон медиҳад, ки имрӯзҳо вобаста ба ҳаҷми нокифояи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҳамзамон рақобатпазирии онҳо, қонеъ нагардидани талаботи аҳолӣ бо маводи озуқа, ки ба вайрон гардидани мувозинати воридоту содироти маҳсулоти хӯрокворӣ оварда мерасонад, таҳқиқҳои илмию назариявии такмили истеҳсолоти ба содирот нигаронида шудаи саноати хӯроквории мамлакат мубрам мегардад.

Навгонии илмии диссертатсия дар таҳқиқот ва коркарди самтҳои асосии назариявӣ ва методӣ оид ба такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ дар

шароити муосир ва пешниҳоди тавсияҳои илман асоснок дар мавзуи таҳқиқгардида ифода ёфта, натиҷаҳои нисбатан муҳимми аз ҷониби муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ бадастомада дар бандҳои зерин пешниҳод шудаанд:

- дар заминаи пайдоиши таърихию илмӣ механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ ақидаҳои назаривӣ ва баҳсҳои илмии нотамоми намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ, моҳияти асосии он дар «воридот» ва «ивазкунӣ» асоснок карда шуда, вобаста ба мафҳумҳои «саноатикунонӣ» ва «воридотивазкунӣ» фарзияи нави илмӣ ҳамчун бунёдкунандаи назарияи муосири механизми молиявӣ таҳия гардидааст;

- вобаста ба номувозинатии ҳаҷми содирот нисбат ба воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ дар мамлакат муайян карда шуд, ки механизми таъмини молиявии саноати хӯрокворӣ аз воситаҳои пулии буҷети давлатӣ ва фондҳои асосии корхонаҳо сарчашма гирифта, мувофиқи тавсифи истифодабарияшон гурӯҳбандӣ гардида, ошкор карда шудааст, ки ҷиҳати таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории мамлакат бештар истифода бурда мешаванд;

- раванди устуворгардонии механизми таъмини молиявӣ ва омилҳои асосии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ, ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии воридотивазкунӣ муайян карда шуда, асоснок карда шудааст, ки чораҳои нави дастгириҳои давлатии молиявӣ дар самти ташкили шароити молиякунонии бизнес (бахши хусусӣ) барои стратегияи рушди молиявии соҳа ҷиҳати таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда заминаи муҳим мегузорад;

- вазъи имрӯза ва дурнамои рушди саноати хӯрокворӣ дар Тоҷикистон бо назардошти ҷараёни татбиқшавии механизмҳои таъмини молиявӣ дар асоси истифодаи механизми молиявии гуногунаҳамият дар сохтори соҳавии саноати мамлакат муайян карда шуда, хусусиятҳои истифодаи механизми молиявии қарзӣ, субсидикунонӣ ва дагар дастгириву ташаббусу ҳавасмандиҳои молиявии давлатӣ муайян ва

асоснок карда шуда, сатҳи зарурии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати мамлакат ошкор карда шудааст;

- равандҳои татбиқи механизми таъмини молиявӣ дар истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ таҳлил гардида, бинобар сабабҳои дигаргуншавии унсурҳои бозорӣ, бахусус, эълон гардидани таҳримҳо ва эмбарго ба маҳсулот ё ашёи хоми саноати хӯрокворӣ дар бозори ҷаҳонӣ, коҳишёбии ҳаҷми захираҳои асъори хорӣ ва инчунин маҳдудияти рақибон дар бозор, зарурияти таъмини истеҳсолоти воридотивазкунӣ тавассути таҳлили қиёсии ҳаҷми истеҳсолу истеъмол, ҳиссаи маҳсулоти хӯроквории воридшаванда, ҳаҷми сармоягузориҳо ва муайянсозии тавозуни воридоту содиротии маҳсулоту ашёи хоми саноати хӯроквории ҷумҳурӣ фаъолгардонии тамоюлҳои муваффақи воридотивазкунии маҳсулоти соҳа муайян карда шудааст;

- методикаи ҳисоби самаранокии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории мамлакат асоснок ва пешниҳод гардида, бо воситаи модели иқтисодӣ-риёзии таҳиягардида алоқамандӣ ва вобастагии омилҳои асосии такмилдиҳии механизмҳои таъмини молиявии истеҳсолоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ошкор гардидааст. Вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот ояндабинӣ кард, шудааст, ки мувофиқи сенарияи пешниҳодгардида, то соли 2030 ҳаҷми содироти маҳсулоти хӯрокворӣ то 29, 4% ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хурокворӣ бошад то 63,2% зиёд мегардад. Вобаста ба ин, равиши стратегии такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ ҷиҳати интихоби модели мувофиқ барои таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии Тоҷикистон таҳия ва асоснок карда шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, дар ҳама марҳилаҳои омодагӣ ва таҳияи пурраи диссертатсия, таҳия ва тавсиби нақшаи таҳқиқот, асосноккунӣ, ҷамъоварии маълумот, коркарди маводи назариявӣ ва методӣ, мақсад ва вазифагузорӣ, таҳияи

фарзияи нави илмӣ, методикаи ҳисоби самаранокии механизми молиявӣ, инчунин таҳияи равиши стратегии такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории мамлакат бевосита бо иштироки инфиродии муаллиф гузаронида шудааст. Иштироки мустақилонаи муаллифро хулосаҳои дақиқу мушаххас оид ба мавзуи таҳқиқот ва таҳияи ақидаҳои асоснок карда шудаи аҳамияти назаривию амалидошта собит менамояд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Нуктаҳои муҳими рисола дар чорабиниҳои илмии доираҳо ва сатҳҳои гуногун, ба монанди конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалӣ ба таври ҳузурӣ маъруза карда шуда, инчунин дар шакли мақолаҳои илмӣ нашр карда шудааст. Нашри даврии мақолаҳои илмии муаллиф давоми солҳои 2019-2024 дар маҷаллаҳои илмии ватанӣ, конференсияҳои илмию амалии сатҳи гуногун, аз ҷумла дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи омӯзгорӣ-муҳандисии Ҷумҳурии Қрими ба номи Февзи Яқубови Федератсияи Россия (соли 2021) дар дигар институтҳои илмӣ – таҳқиқотӣ рӯйи чоп омадаанд.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳқиқу тафсилоти ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ, фарзияҳои муассир ва равишҳои методии такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир зуҳур ёфта, ҳамзамон аз таҳияи ақидаҳои илмӣ ва асоснок намудани тавсияҳои муфиди такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридивазкунанда барои саноати хӯрокворӣ иборат мебошад.

Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, аз инҳо иборатанд:

- таҳия ва такмилдиҳии фарзияҳои илмӣ оид ба механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар илми муосири иқтисодӣ;

- гурӯҳбандии механизмҳои амалкунанда, дастгириҳо ва ҳавасмандиҳои молиявии истеҳсолоти воридотивазкунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва ошкор намудани хусусиятҳои таъиноти онҳо дар иқтисодиёти соҳаи саноати мамлакат;

- асоснок намудани равандҳои татбиқи сиёсати давлатии воридотивазкунӣ, раванди устуворгардонии мавқеи механизми молиявӣ ва омилҳои асосии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ;

- муайян намудани вазъи ҳозираи рушди соҳаи саноати мамлакат ва равандҳои татбиқи механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунии саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир;

- таҳлили қиёсии рушди соҳаи саноат ва арзёбии иқтисодии истифодаи механизми таъмини молиявии давлатии истеҳсолоти воридотивазкунии саноати хӯрокворӣ дар сохтори истеҳсолии саноати мамлакат;

- методикаи ҳисоби самаранокии механизми молиявӣ, моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ ва ошкорсозии сатҳи коррелятсияи саноати хӯрокворӣ бо дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва ояндабинии оқилона истифодабарии механизми молиявӣ таҳия гардида, инчунин асоснок намудани равиши стратегии такмили механизми молиявии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории мамлакат.

Аҳамияти амалӣ ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои ба дастовардашудаи рисолаи диссертатсиониро дар фаъолияти амалии мақомотҳои давлатие, ки ба молиякунонӣ, инчунин таҳияву пешниҳоди дастгириҳои молиявии ба рушди соҳаи саноати хӯроквории ҷумҳурӣ равона карда шудаанд истифода намудан мумкин аст. Маводҳои таҳқиқ, методикаи муайянсозии самаранокии механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ, коррелятсияи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд аз тарафи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои

тобеи онҳо дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи «Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, «Барномаи рушди саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 мавриди истифода қарор дода шаванд.

Инчунин, хулосаҳои алоҳидаи асоснок карда шудаи диссертатсияро дар раванди омодасозии кадрҳои макотиби олии касбӣ аз рӯи ихтисосҳои иқтисодиёти корхонаҳо, иқтисодиёти саноат, технологияи истеҳоли хӯрокворӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Бо истифодаи дурусти маълумотҳои оморӣ аз сарчашмаҳои эътимоднок, коркарди ҳаҷми маълумотҳои санҷишию таҳлилӣ оид ба такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунии саноати хӯрокворӣ, натиҷаҳои муфиди дар раванди таҳқиқот ба даст овардашудаи муаллиф, истифодаи оқилонаи механизми молиявии корхонаҳои соҳаро бо назардошти истифодаи равиши стратегӣ асоснок мегардонад. Хулоса ва тавсияҳо дар таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот асос ёфтаанд.

Мувофиқати автореферат ба мухтавои диссертатсия. Автореферат ба мухтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

Диссертатсия аз феҳристи ихтисора, муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳамият ва дараҷаи таҳияи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаи иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, навоварии илмӣ, аҳаммияти амалӣ,

тасдиқи натиҷаҳои кор, интишорот ва сохтори диссертатсия асоснок карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия – «Ҷанбаҳои назариявии механизми молиявӣ ва истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда дар шароити муосир» заминаҳои пайдоиш ва аҳамияти истеҳсолоти воридотивазкунанда дар рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин манбаъҳо ва механизми молиявӣ-иқтисодии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир мавриди таҳқиқот қарор дода шуда, **дар** баробари ин нақши дастгирии молиявии давлатӣ дар татбиқи сиёсати воридотивазкунии саноати хӯроквории мамлакат муайян карда шудааст.

Таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда дар соҳаи саноат таъминкунандаи уфуқҳои нави рушди иқтисодиёти давлатҳо маҳсуб ёфта, барои таъмини бозори дохилии худ аз маҳсулотҳои саноатӣ, бахусус маҳсулоти саноати хӯрокворӣ консепсияҳои илмӣ, инчунин стратегияҳои давлатӣ таҳия намуда, тавассути механизмҳои гуногун, ки асоси онро механизмҳои таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда ташкил медиҳад, мунтазам татбиқ менамоянд. Равишҳои консептуалӣ ва стратегии ташкил ва такмилдиҳии механизмҳои таъмини молиявиии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар саноати хӯрокворӣ, ҳамоҳангӣ ва дар як маҷрои дуруст амал намудани як қатор соҳаҳои хоҷагии халкро тақозо менамояд. Ҳамзамон дар баробари таъмини афзоиши ҳаҷми истеҳсол, коркард, таъмини воситаҳои молиявӣ, нигоҳдориву логистика ва савдои маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, ба афзоиши як қатор нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таваҷҷуҳи бештар мегардад.

Барои ҳамин, новобаста аз миқдор ва намудҳои мавҷудаи механизмҳои молиявӣ, такмили мунтазами механизмҳои таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ бо таваҷҷуҳ ба иваз намудани ҳаҷми зарурии маҳсулоти хӯроквории воридмешуда, инчунин бознигарии фаврии механизмҳои молиявӣ-

дастгириву ҳавасмандиҳои давлатӣ, сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ ва ҷалби соҳибкории истеҳсолӣ мубрамияти хоса пайдо менамояд.

Дар боби дуюми диссертатсия – «Таҳлили инкишофи истеҳсолоти воридотивазкунанда ва механизми таъминоти молиявӣ дар саноати хӯроквории Тоҷикистон» таҳқиқ гардида, вазъи имрӯза ва дурнамои рушди саноати хӯрокворӣ дар Тоҷикистон тавассути усулҳои таҳлили равандҳои татбиқи механизми молиявӣ дар таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ ошкор карда шуда, инчунин иқтидори захиравии саноати хӯрокворӣ дар заминаи рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда арзёбӣ карда шудааст.

Вазъи муосири рушди иқтисодӣ дар ҳаракати интенсивии равандҳои ҳамгирої, инчунин ҷалби бештари соҳаҳои саноат, бахусус саноати хӯрокворӣ бо иқтисодиёти миллӣ бо робитаҳои иқтисодии берунмарзӣ зуҳур ёфта истодааст. Дар баробари ин, дастрасӣ ба захираҳои меҳнатӣ, ашёву сармоягузорӣ ва молиявӣ осон гардида истода, шароитҳои мусоид ва имкониятҳои ҳамкориҳои берунмарзии иқтисодӣ дар соҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тиҷоратикунонӣ ва васеъгардонии технологияҳои навин, ҷиҳати таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда бунёд гардида истодааст.

Дар боби сеюми диссертатсия – «Самтҳои афзалиятноки такмили механизми молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ» муайян карда шуда, такмили механизми молиявии дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ, инчунин равишҳои стратегии такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ таҳқиқ гардидааст.

Дар диссертатсия вобаста ба шиддат гирифтани вазъи макроиқтисодӣ дар солҳои охир, асоснок карда шудааст, ки дигаргуншавии муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии берунмарзӣ, тазоҳуроти бозорҳои фондӣ, мушкилоти фаъолият ва муомилоти қарзии бонкҳо, ки дар асоси авҷ гирифтани муносибатҳои таҳримона байни

иштирокчиёни бузурги бозори молиявии ҷаҳонӣ пайдо гардидааст, инчунин афзоиши ҳаҷми маҳсулоти хӯроквории воридотшаванда ба бозори ватанӣ, такмилдиҳии механизми таъмини молиявии дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ на танҳо аҳамияти иқтисодиву технологӣ, балки аҳамияти таъмини амнияти озуқавории миллӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ дорад.

Дар ин боб асоснок карда шудааст, ки барои такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ ташкили бизнес-инкубаторҳо, фондҳои венчурӣ ва паркҳои саноатӣ мавқеи асосӣ доранд. Инчунин, исбот карда шудааст, ки механизми таъмини ин намуди дастгирии молиявии давлатиро дар ҳамоҳангии мақомотҳои давлатӣ, бахусус байни мақомотҳои давлатии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути намояндагони тиҷоратии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ тасаввур намудан имконпазир мебошад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ доштани таҳқиқоти довталаби дараҷаи илмӣ масъалаҳои баҳснок низ ба мушоҳида мерасад:

1. Муаллиф дар таҳияи рисолаи диссертатсионӣ аслан ба ду адабиёти илмӣ бештар такя кардааст дар ҳоле, ки дар рӯйхати адабиёт маводи илмии бисёре нишон дода шудааст ва баъзе аз адабиёти иқтибосдодашуда дар рӯйхати адабиёт вуҷуд надоранд, пешниҳод карда мешавад, ки тибқи талабот ба тартиб дароварда шаванд;

2. Ҳангоми таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии маблағгузории соҳаи кишоварзӣ тавассути сармоягузории қарзӣ, муаллиф таваҷҷӯҳи асосиро ба иқтисодиёти кишварҳои пешрафта додааст. Хуб мешуд, ки муаллиф ба давлатҳои ИДМ, ки бештар ба иқтисодиёти миллии мо шабеҳанд, диққати бештар диҳад;

3. Сифати кор беҳтар мегардид агар муаллиф ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро оид ба мафҳуми истеҳсолоти воридотивазкунанда

гурӯҳбандӣ намуда, онро дар шакли ҷадвал пешниҳод намуда, аз барномаҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бештар иқтибос меовард;

4. Дар зербоби 2.1. новобаста аз он ки миқдори муайяни омилҳои ба рушди саноати хӯрокворӣ, равандҳои татбиқи механизми молиявии корхонаҳои саноатӣ таъсирбахш мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд, ба омили инноватсионии ин раванд диққати камтар дода шудааст;

5. Дар диссертатсия аҳёнан дар баъзе маврид норасоӣ ва нофаҳмогӣ дар шарҳу тафсири диаграмма ва ҷадвалҳо ба назар мерасад. Беҳтар мебуд, агар ин масъала дар шакли дигар ифода мегардид ё муаллифи рисолаи илмӣ онро моҳиятан тафсир менамуд.

6. Муаллиф ҳангоми таҳияи рисолаи диссертатсионӣ ба камбудиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ роҳ додааст, ки ислоҳи онҳо ба манфиати муаллиф ва рисола мебошад;

Ҳамзамон, таъкид кардан ба маврид аст, ки эродҳои дарҷшуда, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонида, баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Диссертант метавонад ин эродҳоро дар таҳқиқотҳои минбаъда барои боз ҳам пурратар ва васеътар фаро гирифтани таҳқиқот ба кор барад.

Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи “Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)” ҳамчун кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомшуда ҳисобида, натиҷаҳои бадаст овардаи муаллифро муҳим ва дорои аҳамияти илмию амалӣ шарҳ додан мумкин аст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии дотори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ Расулзода Лутфия Нуралӣ таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо суратҷаласаи №06 аз 14.01.2025 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Иштирок доштанд:

Раиси ҷаласа, н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ Назаров М.С.

Тақриздиҳанда:

н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ Расулзода Лутфия Нуралӣ

Котиби ҷаласа Неъматова Н.Ҳ.

Имзои Назаров М.С., Расулзода Л.Н. ва Неъматова Н.Ҳ. -ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.